Майи 2015
№2

# ИҲҲО Тафсири кӯтоҳ



Чораҳои кашидани хатҳои муҳофизатӣ дар ҷариҳо, дар доираи ташаббусҳои ҷомиаи Метар, ноҳияи Спитамен. *Акс: ACTED 2015*

## Роҳҳои самаранок идоракунии ҳамгироишудаи ҳавзаҳои обҷамъшав

**Идоракунии ҳамгироишудаи ҳавзаи обҷамъшав (ИҲҲО) тавассути ҷорӣ намудани таҷрибаҳои идоракунии устувори замин воситаи муҳим барои коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ, беҳтар кардани сифати об ва баланд бардоштани қобилияти истеҳсолии замин мебошад, ки дар навбати худ сатҳи зиндагии мардумро беҳтар мегардонад. Дар доираи ислоҳот дар бахши кишоварзӣ ва об дар Тоҷикистон қонунҳои марбута аз нав дида баромада шуданд (мисол, кодекси ҷангал, қонун дар бораи чарогоҳ). Комёбии чунин ислоҳот аз иштироки васеъ, нақшабандии шаффоф ва раванди амалисозии он дар сатҳи гуногуни маъмурӣ вобастагӣ дорад. Ба ин равандҳо ҳамчунин метавонанд шарикони марзӣ аз кишварҳои ҳамсоя ҷалб карда шаванд. Дар ҳуҷҷати мазкур тафсири кӯтоҳи баъзе аз натиҷаҳои марбут ба ташабуси идоракунии ҳамгироишудаи ҳавзаҳои обҷамъшав дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби давлати Швейтсария маблағгузорӣ мешавад, оварда шудааст.**

### ПАЁМҲОИ МУҲИМ

- *Самаранок идора намудани ҳавзаи обҷамъшав аз идораи хуби захираҳои замин ва об сахт вобастагӣ дорад. Барои идораи устовори ҳавзаҳои обҷамъшав қоида, раванд, сохтори қабули тасмимҳо, амалисозӣ ва дастгирии идораи захираҳои замин ва об заруранд.*
- *Барои қабули қарор дар сатҳи ҳавзаи обҷамъшав зарур аст, ки замина барои ҳамоҳангсозии ҷонибҳои манфиатдор, алалхусус истифодабардагони замин ва об дар минтақаҳои болооб ва поёноб маҳайё карда шавад.*
- *Нақшаи фаъолиятҳо дар ҳавзаҳои обҷамъшав идораи муштараки захираҳои замин ва обро дар назар дорад. Афзалият бояд ба қабули он қарорҳои устуворе дода шавад, ки ба манфиати тамоми ҳавзаи обҷамъшав буда миёни тамоми ҷонибҳои манфиатдор, бо назардошти ҷанбаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мувофиқат карда шаванд.*

### Нақши идоракунӣ дар идораи ҳамгироишудаи ҳавзаи обҷамъшав

Тоҷикистон кишварест, ки аз офатҳои табиӣ бештар осебпазир аст. Боришоти шадид дар доманҳои пуршебу фарозбойиси обхези ва фаромадани селу ярч мегарданд. Идораи нодурусти замин ва ё аз меъёр зиёд чарондани чорво хатари офатҳои табииро бештар мекунад. Фаношавии хок дар қисматҳои болоӣ ва миёнаи ҳавзаи обҷамъшав қобилияти ҷабиш ва ҳифзи боришотро кам мекунад. Аз ин рӯ диққати ҷиддӣ бояд ба қабати сабзпӯши замин ва беҳтарнамоии идораи чарогоҳ ва ҷангал равона карда шавад.

source: https://doi.org/10.7892/boris.69861 | downloaded: 25.4.2024

Чунин амалҳо қобилияти истеҳсолии заминро баланд бардошта хатарро барои қисматҳои поёнии ҳавза кам мекунад. Дар натиҷаи идораи якҷоя ва самараноки ҳавзаи обҷамъшав аҳолӣ метавонад соҳиби замини ҳосилхез ва захираи оби тоза гардад. Инчунин метавон хароҷот барои нигоҳдории инфрасохторро кам карда, вазъи саломатии одамон ва ҳайвонотро беҳтар ва баҳсҳо атрофи захираҳои замин ва обро коҳиш диҳад.

Самаранок идора намудани ҳавзаи обҷамъшав ғайриимкон аст агар барои амалисозии таҷрибаҳои комёби истифодаи замин маҳдудият пеш оварда шавад ва ё баҳсҳо дар гирди истифодаи захоири замин ва об зери таъсири манфиатҳои гуногун монад. Аз ин рӯ такмили идоракунӣ хеле муҳим мебошад, алалхусус идоракунии замин ва об, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ оварда мерасонад.

**Мафҳуми идораи захираҳои замин**

«Идораи захираҳои замин қонунҳо, раванд ва сохторҳоеро дар назар дорад, ки дар асоси онҳо қарорҳои дастрасӣ ба замин, истифодаи он, тарзи қабул ва дастгирии ин қарорҳо ва ҳамчунин идораи масъалаҳои ихтилофӣ дар истифодабарии замин қабул карда мешаванд».

*(Ҳуҷҷати корӣ ФАО ва СММ-Хабитат, 2009)*

## МАЪЛУМОТ ОИД БА ЛОИҲА

**Ташаббуси Швейтсария оид ба Идоракунии Ҳамгироишудаи Ҳавзаҳои обҷамъшав дар Тоҷикистон**

Ташаббуси идоракунии ҳамгироишудаи ҳавзаи обҷамъшав, ки аз ҷониби ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ мешавад аз соли 2011 дар Тоҷикистон дар марҳилаи роҳандозӣ қарор дорад. Лоиҳаҳои коҳиш додани офатҳои табии ва ИҲҲО дар ноҳияи Муминобод, водиҳои Рашту Фарғона ва вилояти Бадахшони кӯҳӣ амалӣ мешаванд. Қисмати идоракунии дониш бо мақсади таъмин намудани тарзу усулҳои муосир, ҳангоми мубодилаи таҷриба миёни мутахассисони ИҲҲО ва афроди тасмимгиранда тарҳрезӣ шудааст.

Идоракунии ҳамаҷонибаи дониш қабули қарорҳоро дар асоси далелҳо дастгирӣ мекунад. Ин маълумотҳо дар рафти семинарҳо бо ширкати ҷомиа дар мавзӯи нақшабандии ҷорабиниҳо барои ИУЗЗ, мизҳои мудаввар ва мубодилаи таҷриба дар амалисозии қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи чарогоҳ, коркарди маъхази иттилоотӣ дар шабакаи интернет ва ҳамчунин наворҳои видеоӣ ва маълумотҳои таҳлилӣ аз Тафсири ҷаҳонии технология ва равишҳо дар бахши ҳифзи захираҳои табии (ВОКАТ www.wocat.net) ҷамъоварӣ шудаанд.

ИҲҲО маҷмӯъи амалиётҳост, идоракунии ҳамоҳангшудаи захираҳои замин ва обро талаб мекунад, ки аксаран аз ҳудудҳои маъмурӣ мебароянд. Дар як ҳавзаи обҷамъшави хурд ва ё зерҳавза ҳамоҳангсозӣ дар доираи як ҳудуди маъмурӣ имконият дорад. Ҳавзаҳои обҷамъшави калон бошанд метавонанд якчанд ҳудуди маъмуриро дар бар гиранд, аз ҷумла метавонад қисмҳои ҷудогонаи вилоятҳои мухталиф ва ё ҳатто метавонад байнисарҳадӣ бошанд. Ҳамоҳангсозӣ ширкати намояндагони сатҳҳои мухталифи маъмурӣ ва ҳатто намояндагони давлатҳои гуногунро талаб мекунад. Ҷонибҳои манфиатдор аз институтҳои ҳукуматӣ ва ҷомиаи шаҳрвандӣ, шахсони инфиродӣ ва иттиҳодияҳо, дар ҳудуди ҳавзаи обҷамъшав ва берун аз он иборат мебошанд.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ гузариш аз идораи мутаммарказ ба ғайримутамарказ ҳанӯз ҳам идома дорад. Дар ин раванд якчанд масъалаҳо дар идораи захираҳои замин ва об муайян карда шудаанд, ки марбут ба ҳуқуқи моликият, механизмҳои институтсионалӣ, чорчӯбаҳои қонунӣ, ки ҳанӯз дар ҳолати баррасӣ қарор доранд ва риояи қонуну қоидаҳо мебошанд.

Ҳали ин гуна масъалаҳо барои дар амал пурра тадбиқ намудани ислоҳоти кишоварзӣ, истифодаи замин ва об хеле зарур аст ва барои рушди минтақа аҳамияти калон дорад. Чунки идоракунии ҳавзаи обҷамъшав на танҳо барои ҳифзи аҳолӣ аз офатҳои табии нақши муҳим мебозад, балки ба мӯҳлати тӯлонӣ аҳолиро бо захираҳои об, озуқа ва энергетика, ки барои пешбурду беҳбудии ҳаёт лозим аст таъмин мекунад.

### Қабули қарор дар сатҳи ҳавзаи обҷамъшав

Идораи муштарак, ки дар асоси усули васеи чандҷониба ва инчунин институтҳои шаффоф амалӣ мешаванд барои ба даст овардани самаранокӣ дар ИҲҲО аз ҳама мувофиқ мебошад. Вале дар Тоҷикистон норасоии чунин сохторҳои идоракунандаи раванди нақшаҳои ҳамгироишуда бо таъмини иштироки ҷонибҳои манфиатдор дар сатҳи ҳавзаи обҷамъшав дида мешавад. Лоиҳаҳои таҷрибавӣ, ки аз ҷониби давлати Швейтсария дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд чунин сохтор в равандҳоро дар сатҳи ИҲҲО амалӣ мекунанд.

Дар ноҳияи Муминобод бо мақсади ҳамоҳангсозии кор дар ду ҳавзаи обҷамъшави хурд (Обишур ~ 77 км$^2$ ва Чуқурак ~ 36 км$^2$) кумитаи идоракунӣ ва ду кумитаи ҷомиаи шаҳрвандӣ таъсис дода шуданд. Кумитаи идоракунӣ аз раҳбарони ташкилотҳои фермерӣ ва ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ, раисони деҳа, намояндагони ташкилоти занони «Замзам» ва инчунин раҳбарони шӯъбаҳои дахлдори ҳукумати маҳалии Муминобод иборат мебошад. Ба кумитаҳои ҷомиаи шаҳрвандӣ истифодабарандагони замини деҳаҳои наздики ҳавзаи обҷамъшав ва раисони ҷамоат шомиланд. Ҳар ду кумита дар раванди нақшакашӣ ва баҳогузорӣ дар марҳилаи аввали лоиҳа нақши барҷаста доштанд ва дар марҳилаи дуюм ҳар чӣ бештар ҳуқуқи соҳибмулкиро бар ӯҳдаи худ мегиранд.

Аксар ҳавзаҳои обҷамъшави водии Фарғона байнисарҳадианд, барои мисол ҳавзаи калон чун дарёи Аксу (1165 км$^2$) ва Хоҷа-Бакирғон (2267 км$^2$), ки аз Қирғи-

**НОМУАЙЯНӢ НИСБАТИ ҚОИДА, РАВАНД ВА СОХТОР – ДАР МИСОЛИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТЕХНИКИИ ИНФРАСОХТОРҲОИ ОБӢ**

Дар сурате, ки давлат ягона соҳибмулки захираҳои об маҳсуб мегардад ҷавобгарӣ барои нигоҳдошт ва идораи инфрасохтори об як навъ номуайян мемонад. Ин ба Тоҷикистон ҳам рабт дорад, чи ба системаҳои обёрии калон дар водиҳо ва чӣ ба системаҳои хурд дар минтақаҳои кӯҳӣ. Дар аксар ҳолат Ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) дар водиву баландкӯҳҳо кӯшиш доранд то ҷавобгарӣ барои инфрасохтори харобшударо ба ӯҳдаи худ гиранд. Баҳисобгирӣ ва ё баҳогузории инфрасохтори об ба таври лозима гузаронида нашуда моликият пурра ба ҳисоби АИО ё ҷомиа гузаронида шуд. Дар натиҷа тақсимоти вазифаву ӯҳдадориҳо номуайян боқӣ монда дар аксар маврид ба ташкилшавии сохторҳои мувозӣ ва/ё такрорӣ оварда мерасонад, ки ба кӯшишҳои идоракунии самараноки захираҳои об, алалхусус байни аъзои АИО ва дигар афрод, монеъа эҷод мекунад.





**Гузаронидани корҳои техникӣдар ҷӯйборҳои обёрӣдар баландиҳо** *(акс: ИИО Поршнев)* **ва водиҳо** *(акс: Ойтуре Анарбеков)*

Ҷадвали 1: **Усулҳое, ки амалисозии фаъолиятҳои ИҲҲО-ро дастгирӣ мекунанд (лоиҳаи ИҲҲО дар Муминобод, 2012)**

| Самти мушаххаси фаъолияти ИҲҲО | Намудҳои моликияти замин | Гурӯҳи манфиатдор | Усулҳои дастгирикунандаи фаъолиятҳои ИҲҲО |
|---|---|---|---|
| Идораи чарогоҳҳо | Ҷамъиятӣ | Кумитаҳои чорводорӣ | Нақшакашӣ ва амалисозии идоракунии чарогоҳҳо |
| Ҳифзи кишоварзӣ | Хусусӣ | Фермерҳо, трактористон | Таълим ва дастгирии техникӣ |
| Шинондани дарахтон | Хусусӣ | Фермерҳо | Дастгирии молӣ дар шакли қарзҳои озмунӣ барои бунёди боғҳо |
| Чораҳои баландбардории самаранокии энергетикӣ | Хусусӣ | Гурӯҳи занон “Замзам” | Чорабиниҳо дар мактабу миени хоҷагӣ, таълими устоҳои плитасоз |
| Чораҳои ҳифзи роҳҳо ва ҷӯйборҳо | Ҷамъиятӣ | Ҷамоат, ҳукумати вилоятӣ, шуъбаи сохтмон | Нақшакашӣ ва маблағгузории муштарак |

зистон маншаъ гирифта дар Тоҷикистон давом меёбад. Қабули қарор дар сатҳи ҳавзаи обҷамъшав на танҳо ҳамкорӣ дар сатҳҳои гуногуни маъмуриро талаб мекунад, балки ба роҳ мондани ҳамкориҳои наздисарҳадиро низ тақозо дорад. Дар доираи лоиҳаи миллии идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби консорсиуми Хелветас, АКТЕД ва GIZ амалӣ мешавад бо мақсади мусоидат намудан ба ҳали масъалаҳои махсуси ҳавзаи обҷамъшави марзии Аксу, гурӯҳи кории байнисарҳадии ҳавзаи обҷамъшав таъсис дода шуд. Ин гурӯҳи корӣ аз ҷонибҳои манфиатдор дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла намояндагони ҳукумати маҳаллӣ, шӯъбаҳои дохолатдори ноҳия, фермерҳо (тавассути АИО) ва созмонҳои худидоранамоӣ иборат буда чун платформаи нимарасмӣ барои ҳамкориҳои марзӣ амал мекунад. Чунин ҳайати гуногунҷабҳа барои осон намудани гуфтугӯ миёни ҷонибҳои манфиатдор пешбинӣ шудааст. Ҳамкориҳо дар сатҳи маҳал ва вилоят аҳамияти калон дорад ва то кунун хуб ба роҳ монда шудаанд. Ҳукуматҳои маҳалӣ инчунин саъю кӯшишҳои лоиҳаро барои бартараф кардани осебпазирии маҳал ба офатҳои табии ва баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои марзӣ дастгирӣ карданд.

## Идораи ихтилофи манфиатҳо

Бо мақсади таъмини қарори устувор бояд ҷамбаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба назар гирифта шаванд. Дар сурати ҷалбб намудани тамоми ҷонибҳои манфиатдор ИҲҲО ба натиҷаҳои оптималӣ ноил хоҳад гашт. Ихтилофи манфиатҳо бо роҳи возеҳ ва равшани афзалиятмонӣ ба амалиётҳои идоракунии захираҳои замин ва об, ки ба фоидаи тамоми ҳавзаи обҷамъшав мебошад, идора карда мешавад. Гуфтушуниди шаффоф дар он ҳолат имкон дорад, ки тамоми ҷонибҳои манфиатдор дар масъалаи мақсадҳои умумӣ ва шартҳо ба мувофиқа расида бошанд. Дар рафти баррасӣ ва интихоби технологияи мувофиқ ба макони мушаххас дар ҳавзаи обҷамъшав бояд ҷонибҳои мухталифи манфиатдор ҷалб карда шаванд. Матритсаи мазкур имкони баҳогузориро фароҳам меорад, ки он муносибат миёни хароҷоту даромадро нишон медиҳад. Ин имкон медиҳад, то ки афзалиятҳои ИҲҲО, ки миёни ҷонибҳои манфиатдори ҳавза мувофиқа шудаанд, муайян шавад.

## Нақшаи фаъолиятҳои ҳавзаи обҷамъшав

Нақшаи фаъолиятҳои ҳавзаҳои обҷамъшав (НФҲО) роҳҳои ҳали масъалаҳо барои беҳтарнамоии идоракунии захираҳои замин ва об барои ИҲҲО-ро шарҳ медиҳад. Чун НФҲО дар асоси худихтиёрӣ амалӣ мегардад муҳим аст, ки интегратсияи нақшаи чорабиниҳои мушаххас дар сатҳи ҷамоат ва сатҳи ноҳия бо ширкати ҳукуматҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шавад ва ҳамкорӣ миёни ҳукумат ва нақшабандии ҳавзаҳои обҷамъшав ҳатмист. Чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқии ҷойдошта барои таъсиси мақомотҳои худидоракунӣ (мисол, АИО, Ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ, созмонҳои ҷамъиятӣ), ё дастгирии таҷрибаи хуби идораи захираҳои замин ва обро таъмин мекунад.

НФҲО Муминобод дар марҳилаи аввали лоиҳаи ИҲҲО тарҳрезӣ шуда барои дастгирии амалисозии фаъолиятҳо ИҲҲО барои ҳар як соҳаи муайян усулҳои машаххасро пешниҳод мекунад (ҷадвали 1). Ин усулҳо ба намудҳои мушаххаси моликияти замин ва ҷонибҳои манфиатдори дахлдор равона шудаанд.

## ТАВЗЕҲОТ

**Идораи муштарак** «муносибатҳои шарикиро шарҳ медиҳад, ки дар он давлат, истифодабарандагони захираҳои маҳал, ташкилотҳои беруна (НПО, корхонаҳои тадқиқоти илмиву академӣ) ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҷавобгарӣ ва ӯҳдадориҳо барои қабули қарор оид ба идораи захираҳои табииро ба ӯҳда мегирад. Дар бар мегирад; созишномаҳои гуногуни шарикӣ ва дараҷаи тақсимоти ҳокимият ва интегратсияи системаҳои идораи маҳалӣ ва системаи идоракунии марказонидашудаи давлатӣ» (Pomeroy in Meinzen-Dick, Knox, Di Gregorio, 2000).

**Идораи замин** ин қоидаҳо, равандҳо ва сохторҳое мебошанд, ки таввасути онҳо қарорҳои дастрасӣ ба замин ва истифодаи он қабул мешаванд, роҳҳои амалӣ кардани ин қарорҳо, роҳҳои идораи ихтилофи манфиатҳо дар заминро дар бар мегирад (ФАО, ООН-ХАБИТАТ 2009).

**Системаҳои моликияти замин** ин муайян ва ба танзим даровардани дастрасӣ ба замин аз ҷониби ашхоси алоҳида ва ҷомиа таввасути қонунҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошад. Қоидаҳои моликияти замин муайян мекунад кӣ кадом захира, ба кадом муддат, дар чӣ гуна шароит бояд истифода шавад. Онҳо метавонанд ба таври хаттӣ дар қонун дарҷ гардида бошанд ва ё ҳамчунин дар асоси анъанаву таҷрибаҳои нонавишта ба роҳ монда шаванд. (FAO 2012).

**Идоракунии ҳавзаҳои обҷамъшав** ин истифодаи ҳамгироишудаи замин, наботот ва об дар ҳавзаи муайяни обҷамъшав ё минтақаи заҳбур ба манфиати истиқоматкунандагони он буда мақсади таъминоти хизматрасонии гидрологӣ, ки ҳавзаи обҷамъшав пешниҳод мекунад ва пасткунӣ ё пешгирии таъсироти манфии он ба қисматҳои поёни обгузар ё таъсирот ба обҳои заминӣ мебошад. (аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ соли 2008 мутобиқ шуд).



**Ҷонибҳои манфиатдор меъёрҳои мувофиқашударо, ки ҷанбаи экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ғарм, водии Рашт.** *(Акс: Беттина Волфграмм, 2014)*

## ФАЪОЛИ ҶАМЪИЯТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ЧАРОГОҲ (ҶИЧ), МУМИНОБОД



**Давлатҷон Зуҳуров, роҳбари ҶИЧ дар Муминобод.** *Акс: Ханс Питер Линигер, 2012*

ҶИЧ дар Муминобод расман ба қайд гирифта шуда дар асоси сертификати истифодаи замин барои чарогоҳи деҳа фаъолияти худро пеш мебарад. Онҳо соли 2007 ҳамчун кумитаи чорводорӣ таъсиси дода шуда соли 2013 дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи чарогоҳ» чун ҶИЧ дубора ба қайд гирифта шуданд. ҶИЧ яке аз фаъолтарин ҷониби манфиатдор дар ИҲҲО дар Муминобод маҳсуб мегардад. Бо мақсади баланд бардоштани сифати чарогоҳҳо, аз эрозия нигоҳ доштани замин ва кам кардани обдавҳо ҶИЧ ба таври давравӣ чарондани чорворо ба роҳ мондаанд, инчунин чанд нуқтаи обдиҳӣ низ сохта шудаанд. Чарогоҳ дар ҳавзаи обҷамъшав ба якчанд қисмат ҷудо шудааст. Чарондани чорво дар як қисмат давоми 5-8 рӯз иҷозат дода мешавад.

Технологияҳо ва навори видеоии ВОКАТ аз фаъолиятҳои Ҷамъияти истифодабарандагони чорво:

Кумитаи чорводорӣ дар сатҳи деҳа

- Технология: https://qa.wocat.net/SummaryApproach.php?selected_language=english&selected_language_code=en&selected_id=269
- Видео: https://www.wocat.net/en/knowledge-base/slm-videos/slm-approaches/category/slm-technology.html

Ба таври давравӣ чарондани чорво бо нуқтаҳои иловагии обдиҳӣ

- Технология: https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=148
- Видео: https://www.wocat.net/en/knowledge-base/slm-videos/single-video-page.html?tx_wocatvideos[uid]=11&cHash=34c6ce07dfb5380cd51e79ddd7d2ac18

## НАТИҶАҲОИ СТРАТЕГИИ ЛОИҲА, КИ АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТИ ШВЕЙТСАРИЯ ДАР МУМИНОБОД, РАШТ ВА ВОДИИ ФАРҒОНА МАБЛАҒГУЗОРӢ МЕШАВАНД

Ба даст овардани тағйирот ё таъсир гузоштан дар сатҳи ҳавзаҳои обҷамъшав мушкил аст. Аз ҷумлаи ин ҳавзаҳо ҳавзаи обҷамъшави хурд дар Муминобод ва ҳавзаи обҷамъшави нисбатан калони марзӣ дар водии Фарғона мебошанд. Идораи самараноки ҳавзаи обҷамъшав аз идоракунии устувори захираҳои замин ва об сахт вобастагӣ дорад. Устувории ИҲҲО ва таъсироти дарозмуддат ба коҳиши офатҳои табиӣ аз ёфтани роҳҳои ҳалли аз лиҳози экологӣ мувофиқ, аз лиҳози иқтисодӣ манфиатовар ва аз лиҳози иҷтимоӣ пазируфта вобаста аст.

Қабули қарорҳо дар сатҳи ҳавзаи обҷамъшав ташкили платформаи ҷонибҳои манфиатдорро тақозо дорад, то ин ки ҳамоҳангсозӣ миени истифодабарандагони об ва замини қисматҳои болоӣ ва поёнии ҳавза, корхонаҳои мухталифи давлатӣ дар сатҳи гуногуни маъмурӣ ва инчунин ассотсиатсияҳо ва истифодабарадагони алоҳида хуб ба роҳ монда шавад. Фаъолияти ин гурӯҳҳои корӣ ва кумитаҳо аз ширкати умумӣ, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият вобаста буда нишон медиҳад, ки чи гуна раванди васеъ ва ҳамаҷониба самаранокии ИҲҲО-ро дастгирӣ мекунанд.

Нақшаҳои фаъолияти ҳавзаи обҷамъшав дар асоси ширкати васеъ ва усулҳои идораи муштарак тарҳрезӣ мешаванд. Барои ба танзим даровардани чорабиниҳои машаххас дар сатҳи ноҳия ва деҳот ҳангоми нақшакашӣ иштироки ҳукумат муҳим аст, то ин ки дар ҳамбастагӣ аз нақшаҳои ҳукумат ва ҳавзаи обҷамъшав истифода баранд.

Идораи устувори захираҳои замин ва об дар ҳавзаи обҷамъшав, дар ҳолати вуҷуд доштани Асотсиатсияи истифодабарандагони об ва Ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ бидуни ширкати ҷомиа ба даст оварда намешавад. Иштироки ҷомиа бошад танҳо он вақте кафолат дода мешавад, ки агар эътимод ба қоидаҳо, равандҳо ва сохторҳо ҷой дошта бошад. Яке аз роҳҳои ба даст овардани эътимод ин ҷалби истифодабарандагони замин дар баррасии масъалаҳо ва таъмин кардани онҳо бо маълумот дар бораи вазъи захираҳои табиӣ, аз ҷумла фаношавии об ва замин ва роҳҳои ҳифзи онҳо мебошад.

## АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ


Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Кодекси об
- Кодекси замин
- Кодекси ҷангал
- Қонун дар бораи чарогоҳ
- Қонун «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об»

http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/
http://faolex.fao.org/faolex/

**ФАО** (2012) Роҳнамо оид ба идораи бомасъулияти моликияти замин, моҳигирӣ ва ҷангал дар заминаи амнияти озуқаворини миллӣ. Дафтари озуқа ва кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид, Рум, Италиё. http://www.fao.org/nr/tenure/voluntary-guidelines/en/

**ФАО, ООН-ХАБИТАТ** (2009) Самтҳои барои беҳтарнамоии идораи замин. Моликияти замин, ҳуҷҷати корӣ 11. Дафтари озуқа ва кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид, Рум, Италиё.

**ФАО** (2007) Барои чӣ бояд идораи ҳавзаи обҷамъшавро маблағгузорӣ кард? Дафтари озуқа ва кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид, Рум, Италиё. http://www.fao.org/docrep/010/a1295e/a1295e00.HTM

**Волфграмм Б, Линигер ХП, Назармавлоев Ф** (2014) Идоракунии ҳамгироишудаи ҳавзаҳои обҷамъшав дар Тоҷикистон. ИҲҲО Тафсири кӯтоҳ №1. Донишгоҳи Берн, Маркази Рушд ва Муҳити Зист (CDE), Берн, Швейтсария. http://msri-hub.ucentralasia.org/node/5290

**Барномаи об 21** (2011) Идораи ҳавзаи обҷамъшав. Принсипҳои раҳнамо барои идоракунии ҳамгироишудаи об дар Швейтсария. Берн. http://www.bafu.admin.ch/wasser/01444/08981/index.html?lang=en


Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

UNIVERSITÄT BERN
CDE CENTRE FOR DEVELOPMENT AND ENVIRONMENT

National Water Resources Management Project
HELVETAS ACTED giz IS

AGA KHAN FOUNDATION

FOCUS HUMANITARIAN ASSISTANCE

CARITAS

Вольфграмм Б. (таҳрир). 2015 Роҳҳои самаранок идоракунии ҳамгироишудаи ҳавзаҳои обҷамъшав. ИҲҲО Тафсири кӯтоҳ №2. Донишгоҳи Берн, Маркази рушд ва муҳити зист (CDE), Берн, Швейтсария.